# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдуҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-забони тоҷикӣ**

Мавриди таҳқиқ қарор додани вижагиҳои луғавию маъноӣ ва мансубияти забонии истилоҳоти тиббӣ дар заминаи сарчашмаҳои куҳани тоҷикӣ яке аз масоили мубрам ва камомӯхташудаи забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Дар заминаи манобеи куҳани илмӣ омӯхтани истилоҳоти ин соҳаи илм имконият медиҳад, ки калимаҳои куҳани тоҷикаслро пайдо намуда, онҳоро такроран ба гардиш ворид намоем.

Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик доир ба баррасии истилоҳоти тиббии «Канзи Шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомидҷон Зоҳидов ба истисноии баъзе қайду ишораҳои ба таври умумӣ инъикоснамудаи аҳли таҳқиқ тадқиқоти амиқ ва ҳамаҷониба роҳандозӣ нагардидааст.

Мавзуи диссертатсияи Ҳусанбоев Н.А. аз зумраи таҳқиқотҳое маҳсуб меёбад, ки ба баррасии хусусиятҳои лексикӣ ва семантикии истилоҳоти тиббӣ дар заминаи осори зикршуда рӯйи кор омадааст.

Мутолиаи фишурдаи кори диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки пажуҳиши мазкур аз муқаддима се боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса ва манобеи таҳқиқ иборат аст.

Муаллиф маводи фактологии аз осори «Канзи Шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» гирдовардаашро тавонистааст дар ду фаслу ҳашт зерфасли боби дуюм ва дар ду фаслу 15 зерфасли боби сеюми рисола ба риштаи таҳқиқ  кашида, дар боби аввал бошад, масоили назариявию амалии истилоҳнигорӣ, вижагиҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ суннатӣ дар боби дуюми рисола калимоти истилоҳии осори мавриди назар аз нигоҳи маъно ва дар боби сеюм истилоҳоти тиббии

«Канзи Шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-ро аз ҷиҳати баромади забонӣ таҳлил намудааст. Дар натиҷаи таҳлили истилоҳоти тиббии осори Ҳ. Зоҳидов соҳиби рисола тавонистааст нишон диҳад, ки:

-баъзан чанд калимаи тоҷикиасл барои баёни як вожа корбаст мегардад, чун барои баёни беморӣ воҳидҳои луғавии иллат, мараз, до дучор меоянд;

-силсилае аз истилоҳоти аз «Канзи Шифо» дучороянда нутқи намояндагони минтақаҳои алоҳида гардиши фаъол доранд;

-муайян намудани калимаҳои ғайримаъмул дар таркиби истилоҳоти осори мавриди тадқиқ;

-нақши пешвандҳо ва пасвандҳои калимасозии забони тоҷикӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ ва ғайраҳо.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Баромади этимологии бештари калимаоти мавриди таҳлил аз мадди назари муаллиф берун мондаанд.
2. Бо мақсади мушаххас гардидани мундариҷа бархе фаслҳо ё зерфаслҳоро ҳамҷоя намудан мумкин буд.
3. Дар фишурдаи рисолаи ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ мушоҳида мешаванд.

Мутолиаи кори анҷомдодаи Ҳусанбоев Н.А. касро ба натиҷае мерасонад, ки номбурда дар таълифи он заҳмати фаровон кашида, масоили гузошташударо дар сатҳи дилхох ҳаллу фасл намудааст. Бо назардошти ин гуфтаҳо кори пажуҳишии Ҳусанбоев Нодир Абдуҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (таҳлили лингвистӣ)» ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01-забони тоҷикӣ сазовор аст.

Диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидвич ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Тарзи таҳияи рисолаи илмӣ ва сохтори он бо муҳтавои кор мутобиқати пурра дорад. Инчунин, сабки таълиф, истифодаи равишҳои илмӣ, масъалагузорӣ ва ҳаллу фасли онҳо ба он далолат мекунад, ки муаллиф аз мавзуи кори худ огоҳии комил дошта, фаъолияти мустақилонаи диссертантро дар масъалаҳои илмӣ баён менамояд.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**и.в. дотсенти кафедраи забони**
**давлатӣ ва забонҳои хориҷии**
**Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон** **Валиева М.Н.**
**Тел.: +992(92)9828333**

***Имзои и.в. дотсент М. Валиеваро тасдиқ менамоям***

**И.в. сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишкадаи**
**кӯҳию металлургии Тоҷикистон** **Мӯминова Д.М.**
**Адрес: 735300, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Бӯстон, к. А. Баротов, 6**
**Телефон: (992-3451) 5-11-41**
**E-mail: gmit_tajikistan@mail.ru**
**17-уми декабри соли 2023-юм**